## Тақризи

роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзӯи "**Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд**" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон буда, онро соли 2016 аз руйи ихтисоси барномасоз - иктисодчӣ бо гирифтани тахассусӣ «иқтисодчӣ» хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба магистратура аз руйи ихтсисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда соли ассистенти кафедраи бомуваффакият хатм намудааст. Солҳои 2020-2022 таҳсил дар докторантураи донишгоҳ аз руйи ихтисоси иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ. Дар ин давра дар якҷанд конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар ҷараёни таҳсил давра ба давра накшаи таълимӣ иҷро гардида, дар рафти иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Соҳибназарзода З.Т. 9 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Муаллиф мавзӯъи рисолаи доктириро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намуд. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳаққиқон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода шудааст. Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои илмӣ - назариявии рушди стратегияи сармоягузорӣ дар минтақаҳо баррасӣ гардидааст. Дар боби дуюми диссертатсия ҳолат ва муаммоҳо дар таҷдиди фаъолияти сармоягузории вилояти Суғд дида шудааст. Дар боби сеюми диссертатсия

авлавиятҳо дар дурнамои стратегияи сармоягузории иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявии рушди стратегияи сармоягузорӣ дар минтақаро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба авлавиятҳо дар дурнамои стратегияи сармоягузории иқтисодиёти вилояти Суғд мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои ҳолат ва муаммоҳо дар таҷдиди фаъолияти сармоягузории вилояти Суғд мебошад. Доштани малакаи таҳлили иқтисодӣ ба докторант имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳаммияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамъбаст карда шудааст, ба монанди абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ, синтез, индуксия ва дедуксия, мушаххаскунӣ, умумикунӣ, диалектикӣ, мантиқӣ ва ғ. истифода карда шудааст. Ҳамин тавр, чи хеле, ки дар боло қайд карда шуд Соҳибназарзода З.Т., вазифаҳои гузошта ба мақсади таҳқиқотро бомуввафақият иҷро намудааст.

Кори диссертатсионӣ мантиқан банҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамъбасти илман-асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии ба фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд равона шудааст. Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Соҳибназарзода З.Т. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 - «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»

(карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) нисбат ба диссертатсияҳо ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва
сиёсатӣ Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5
Тел.: +992 928 566 665
E-mail: dalerdn@mail.ru

*Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ бизнес ва сиёсатӣ Тоҷикистон,
н.и.х., дотсент Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

04 январи соли 2025

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микр-н 17, хонаи 1
Тел.: +992 3422 2 38 11
E-mail: tsulbp@rambler.ru